# ҚАРОРИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
## назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**аз 24 июли соли 2026, №89** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Хоҷамаҳмад, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Султонов Зубайдулло Султонович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳои славянии Россия ва Тоҷикистон, **Азизов Сафар Ахмедович –** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Ш.Раҳимзода, д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Чиллаев Сулаймон Нажмудиновичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**24 июли соли 2026**